***ТДУ 8Т1***
***ТКБ83, 3(0)***

***БОЗТОБИ МАВЗӮИ ИШҚ ДАР ШЕЪРИ ОЗАР***

***Собиров Айниддин Баҳорович**, унвонҷӯи кафедраи адабиёти тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав (Тоҷикистон, Бохтар)*

***ОТРАЖЕНИЕ ТЕМЫ ЛЮБВИ В ПОЭЗИИ ОЗАРА***

***Собиров Айниддин Бахорович**, соискатель кафедры таджикской литературы БГУ имени Носира Хусрава (Таджикистан, Бохтар)*

***REFLECTION OF THE THEME OF LOVE IN OZAR`S POETRY***

***Sobirov Ainiddin Bakhorovich,** claimant for candidate degree of the department of Tajik literature under BSU named after Nosir Khusrava(Tjikistan,Bokhtar),*
***E-mail:** Sobirov-79@bk.ru*

***Вожаҳои калидӣ:** мавзӯъ, ишқ, ишқи ирфонӣ, ғазал, чаҳорпора*

*Мақола ба баррасии мавзӯи ишқ дар ашъори шоири муосири тоҷик Озар Салим ихтисос ёфтааст. Қайд мешавад, ки мавзӯи ишқ аз ҷумлаи мавзӯоти маъмул ва маъруфи адабиёти бадеӣ, аз ҷумла шеъри форсӣ- тоҷикӣ буда, ҳузури онро мо дар ашъори дилхоҳ шоири пешин ва имрӯзи тоҷик мушоҳида менамоем. Хотирнишон мегардад, ки дар шеъри Озар мавзӯи ишқ хеле васеъ доман густардааст ва аз мавзӯоти меҳварӣ ва аввалдараҷаи эҷодиёти ӯ ба ҳисоб меравад. Муаллиф саъй намудааст, ки баъзе вижагиҳои ашъори ошиқонаи Озарро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ба ин васила ҳунару истеъдоди шоирро дар ибрози андешаҳои ошиқона муайян намояд. Барои расидан ба ин ҳадаф муаллиф мавзӯи ишқро дар анвои гуногуни шеъри Озар пайгирӣ намуда, натиҷаҳои ин пажӯҳишро ба таври мухтасар ироа кардааст.*

***Ключевые слова:** тема, любовь, мистическая любовь, газель, четверостишие*

*Статья посвящена анализу темы любви в поэзии современного таджикского поэта Озара Салима. Отмечается, что тема любви является одной из распространённых и известных тем художественной литературы, в т. ч. персидско-таджикской поэзии, её присутствие мы наблюдаем в поэзии любого поэта, классика или современника. Подчёркивается, что тема любви широко представлена в лирике Озара, и считается одной из центральных и ведущих тем. Автор подвергает анализу и рассмотрению некоторые особенности любовной лирики Озара, тем самым высказывает свои суждения о таланте и мастерстве поэта в отражении любовных переживаний. Для достижения этой цели автор прослеживает тему любви в разных жанрах поэзии Озара и кратко излагает результаты этого исследования.*

***Key words:** theme, love, mystical love, gazelle, quatrain*

*The theme of love is considered to be one of the widespread and well-known ones of belles-letters literature, including Persian-Tajik poetry we observe its presence in any poet`s poetry classic and contemporary as well. The theme of love is widely represented in Ozar`s lyrics that of the talented contemporary Tajik poet and is considered one of the central and leading themes. In his article the author analyzes and examines certain features of Ozar`s love lyrics, thereby expressing his judgments about the poet`s talent and skill in reflection of love experiences. In order to achieve this goal, the author traces the theme of love in different genres of Ozar`s poetry and summarizes the results of the research under consideration comprehensively.*

Мавзӯи ишқ аз мавзӯъҳои маъмултарин ва ҷовидонии адабиёти бадеӣ, бахусус шеър, буда, осори шоиреро бе ҳузури ин мавзӯъ тасаввур кардан номумкин аст. Ишқ на танҳо мавзӯъ, балки сабаби пайдоиши шеър низ шояд бошад, чунки шеър низ дар асл ибрози манзуми эҳсоси ошиқона аст. Шоирони тавонманд дар ҳар давру замон ин мавзӯи маъмул ва то андозае забонзадро ба рӯҳи замон ва ҷаҳонбинии мардуми даврон мувофиқ карда тавонистаанд. Дар шеъри шоири муосири тоҷик Озар Салим низ бештар аз ҳар мавзӯъ ва масоили дигар ба мавзӯи ишқу муҳаббат вомехӯрем ва ӯ дар анвои гуногуни шеъри худ батакрор ин нуктаи назарро тасдиқ кардааст. Барои мисол, дар ғазали зерин шоир ишқро муроду орзуи худ аз ҳар ду олам, болотарин дороӣ, ҳамнишини ҳамешагии шеъру сухан, мероси Бобои Одам ва Момо Ҳаво ба насли башар, ҳавзи Кавсару чашмаи Замзам гуфтааст. Аз тавсифҳои овардашуда маълум мешавад, ки ишқ барои шоир ҳаваси яклаҳзаӣ не, балки муқаддастарин эҳсос аст, ки ҳам ғаму ғусса ва ҳам шодии бениҳоят дар пай дорад, ғаму дард аст, вале фараҳафзову рӯҳпарвар:

***Эй ишқ, орзуи ман аз ҳар ду оламӣ,***
***Дунболаи туам, ки зи ҳар чӣ муқаддамӣ.***
***Дил хун кунӣ ҳамешаву мавзун кунӣ сиришк,***
***Мероси шоиронаи Ҳаввову Одамӣ.***
***Пас аз билоди ранҷ диҳӣ ком ташнаро,***
***Як ҳавз оби Кавсару як чашма Замзамӣ.***
***Ҳар кас туро шинохт, назокатшинос шуд,***
***Дарвешвор бо ғазалу шеър ҳамдамӣ…*** *[4, с.62].*

Ишқ эҳсоси шадидест, ки инсонро дар ҳама марҳалаҳои умр думболагир аст. Пиру ҷавонро аз ин эҳсоси домангир ҷойи гурез ва бо ӯ қудрату тавони ҷангу ситез нест. Ба қавли Озар, ишқ «атои осмонӣ ва чун сели баҳор ногаҳонист», вале чунонки ранг барои гул муҳимму зарурӣ ва мазмуни зиндагист, ишқ низ барои инсон ҳамин ҳукмро дорад [4, 219].

Аз сӯи дигар, мақсаду мароми дар зиндагӣ доштаи инсон низ ба ишқ вобастагӣ дорад. Маълум аст, ки пайомади ишқ ҳузуру нишот не, балки бештар ранҷу азоб аст. Бо вуҷуди ин, ишқ аст, ки бо ҳама талху шӯр ва ранҷу азоби худ зиндагиро барои инсон зеботару рангинтар мегардонад. Дар маҷмӯъ, зиндагӣ худ ишқ аст ва он ки ин эҳсоси наҷиброн надорад, яқин ақлану ҷисман бемор аст. Ҳамин маъниро дар як шеъри озоди Озар бо номи «Ишқ» мушоҳида менамоем:

***Оҳ аз ишқ,***
***Чашми ошиқ рӯзу шаб бар дафтари роҳ аст,***
***Дафтари роҳе, ки пур аз мисраи оҳ аст…***
***Оҳ аз ишқ,***
***Авҷи меъроҷе, ки дорад, ҳалқаи дор аст.***
***Лек ошиқ бош,***
***Он ки ошиқ нест, бемор аст*** *[4, с.203].*

Таҳқиқ дар ашъори Озар маълум намуд, ки вожаи «ишқ» нисбат ба тамоми вожаҳои дигар дар шеъри ин шоир корбурди бештар дорад. Албатта, гуфтан намехоҳем, ки ин ҳолат танҳо махсуси шеъри Озар буда, ба осори дигар шоирон дахл надорад. Тавре болотар ёдовар шудем, мавзӯи ишқ аз мавзӯоти ҷовидонии адабиёти бадеӣ, бахусус шеър, буда, осори дилхоҳ шоир саршор аз ин мавзӯст ва бадеҳист, ки зимни ин мавзӯъ такрори батакрор вожаи «ишқ» зикр мегардад. Бо вуҷуди ин, ҳар як шоир роҳу усули хоси муносибат бо онро дорад, ба таври худ онро тасвир мекунад. Ҳамон қадаре, ки ишқ ҳамчун эҳсоси инсонӣ ва ҳолати равонии инсон дар коргоҳи эҷодии шоирон бо ҳазорон ранг тасвир мегардад ва паҳлуҳои нав ба нави он кашф мешавад, вожаи «ишқ» низ ҳамчун воҳиди маънодор ва маънисоз барои сохтмони садҳо вожаву таркиботи дигар ба маонии асливу маҷозӣ хидмат мекунад. Ба қавли Муҳаммадалии Аҷамӣ, «Дар шеъри ҳар шоир меъёри вуруд ва ҳузури калимот, таркибот, баёни тасвир ва маъно ба шева, шакл, сохт ва чигунагии андешаи шоир вобаста аст, тафаккури бартар, андешаи бартар, ҳузуру вуруди мантиқии калимот таҷаллӣ ва қиёмро дар шеър бештар ва софтар ранг медиҳад» [1, с.69].

Озар низ дар ишора бо фарогирии вожаи кӯтоҳи «ишқ» ва паҳлуҳои мухталифи он чунин гуфтааст:

***Кӯтаҳ мабин ба дафтари ушшоқ исми ишқ,***
***Бо кӯтаҳӣ чу сӯраи «Ихлос» аъзам аст*** *[4, с.65].*

Бо он ки эҳсоси ишқ бештар ба ҷавонон хос аст, дар пирӣ низ ба он пойбанду вобаста гардидан аҷобате надорад. Махсусан, барои шоирон, ки зебопараст ва назокатшиносанд, ин эҳсос наздиктар ва ошнотар аст. Дар ғазали зер Озар ишқро ба зилзилае монанд кардааст, ки дар шаҳри сина бори дигар такрор мешавад. Бо вуҷуди ин ки ишқи пирӣ ба монанди ин ҳодисаи табиӣ нохушу даҳшатнок ва вайронкору харобиовар аст, вале тарафи хуб низ дорад, ки рӯҳи инсонро таҳрик медиҳад ва ӯро боз бо ҷӯшу хурӯши зиндагӣ ҳамнаво мегардонад. Бидуни ин ҳодиса шоир зиндагии худро берангу бор ва бемаънӣ тасаввур мекунад. Адами ишқ ба он мемонад, ки дарахт аз баргу бор тиҳӣ мегардад ва бо вуҷуди он ки реша дар замин устувор дорад, боз ҳам асари зиндагӣ дар ӯ мушоҳида намешавад. Дарахти умри инсон низ бо баргу бори орзу, бо эҳсоси ишқу муҳаббат, бо майл ба зебоиву назокат сабзу хуррам ва назаррабост ва бидуни онҳо маҳкуми хазон аст. Ишқ аст, ки қудрати сабз кардани шохаҳои орзу ва эҳё намудани дарахти маҳкуми хазонро дорад. Қудрати офарандагӣ ва эҳёгарии ишқ метавонад пирро ҷавону зиндадил гардонад:

***Аз нав дилам ба ишқ гирифтор мешавад,***
***Дар шаҳри сина зилзила такрор мешавад.***

***Вақте фитад зи шохаи дил барги орзу.***
***Моро хазони умр падидор мешавад…***
***Нозам зи сеҳри ишқ, ки ожанги суратам***
***Бо бӯсаҳои гарми ту ҳамвор мешавад****…[4, с.150].*

Хусусияти дигари ишқ, ки боиси зебо гаштани олами маънавии инсон мегардад, табиати афсонасози он аст. Ҳамин хусусият ҳаст, ки дунёро дар назари шахси ошиқ дигаргунтар ва зеботару дилработар ҷилвагар менамояд. Гӯё пешорӯи ошиқ дари олами дигаре во мешавад – олами тахайюлӣ ва дунёи орзуҳо, бамаротиб рангинтару ҷолибтар аз олами воқеие, ки мо зиндагӣ менамоем. Ворид гаштан ба ин дунё шахсро пешорӯи мушкилоти зиндагӣ ва ҳам дарду ранҷи ишқ устувортару матинтар мегардонад. Шахси ба ин дунё воридгашта ҳатто дар душвортарин лаҳзаҳо низ ба оянддаи нек ва рӯзҳои пурсаодати баъдӣ эътимод дорад. Ҳамин эътимоду бовар дар баробари он ки ӯро ба оянддаи пурсаодат умедвор мегардонад, инчунин намегузорад, ки ӯ пешорӯи ҳаводиси нохуш хомӯш ва таслимшуда бошад, балки дар рӯҳи шахси ошиқ ҳисси ҷасорату ҷуръат ва хоҳиши мубориза бо ин ҳаводисро бедор мекунад.

Қаҳрамони лирикии Озар дар бештари ашъори ошиқонааш ба ҳамин гурӯҳи ошиқони хушбин ва олами тахайюлашон рангин тааллуқ дорад, чунки худи Озар ҳамин гуна табиату мизоҷ дорад ва шоири хаёлпарвару ба оянда хушбин аст. Ба қавли Х. Отахонова, «Дар симо ва характери қаҳрамони лирикӣ таҷрибаи ҳаётӣ ва рӯҳии шоир, дунёфаҳмӣ ва ҷаҳонбинии ӯ ифода меёбад. Қаҳрамони лирикӣ дар худ идеали ғоявию эстетикии шоир, мавқеи ҳаётии ӯ, дониш ва фаҳмиши ӯ, зиддият ва эволютсияи характери ӯро таҷассум мекунад. Дар симои қаҳрамони лирикӣ шахсияти шоир, фардияти нотакрори инсонии ӯ, олами эҳсосот, таассурот ва афкори ӯ зоҳир мегардад» [5, с.34].

Ҳамин оҳанги хушбинонае, ки гуфтем, дар бисёр ғазалиёти ошиқонаи Озар танинандоз аст. Барои мисол, дар як ғазали Озар бо унвони «Вақте ки ошиқ мешавӣ», ки мо дар поин порчаеро аз он иқтибос менамоем, ҳамин рӯҳияи хушбинӣ ва табиати афсонасози шахси ошиқ хеле зебо мавриди тасвир қарор гирифтааст:

***Вақте ки ошиқ мешавӣ, афсона бовар мешавад,***
***Хобу хаёли ин дили девона бовар мешавад.***
***Ҳарчанд медонӣ маҷозӣ ҳаст ҳарфи шоирон,***
***Нози чарогу гиряи парвона бовар мешавад.***
***Гар гул кунад аз чоки дил лабхандҳои эътиқод,***
***Ганҷе, ки пинҳон аст дар вайрона, бовар мешавад*** *[3, с.138].*

Тавре гуфтем, мавзӯи ишқ дар ҳама анвои шеъри Озар аз мавзӯоти меҳварист. Аз ҷумла дар чаҳорпора ва шеърҳои дар шакли арӯзи озод навиштаи Озар масоили гуногун ва тобишҳои рангоранги ин мавзӯъ тасвир гардидааст. Шеърҳои «Дастҳоят», «Ишқ», «Фарҳанги интизорӣ», «Қиссаи себи сурх», «Оҳ, эй ишқ», «Ишқи тирамоҳӣ», «Баёзи садо», «Исмати ишқ», «Намози ишқ», «Бар ман ту ноз кун» аз ҷумлаи беҳтарин шеърҳои ошиқонаи Озаранд.

Дар шеъри «Намози ишқ» Озар чашмони зебоеро васф мекунад, ки чашм аз онҳо кандан номумкин аст. Нигоҳ кардани худро ба ин чашмон шоир ба намоз гузоштан шабоҳат додааст. Яъне, чашмони маҳбуба ҳамчун самти суҷуд – қибла аст ва чашмони ошиқ намозгузорест, ки ба ҳам задани мижаҳояш ба қиёму саҷда монанд аст. Чунонки барои намозгузор ногузир самти саҷда лозим аст, барои ошиқ низ назар дӯхтан ба чашмони бефанди маҳбуба амри ҳатмӣ ва зарурӣ менамояд:

***Чашми ман, оре, намози ишқ мехонад***
***Дар қиёму саҷдаи мижгон***
***Сӯйи он чашмони бефанд…***
***Мурдахун будам чу мурдобе, ки мехушкид,***
***Аз ту ман чун рӯдҳо ҷорӣ шудам, ҷорӣ.***
***Он чи нозебову ноҷо буд,***
***Аз ҳама орӣ шудам, оре*** *[2, с.82].*

Чаҳорпораҳои ошиқонаи Озар низ ба монанди ғазалиёти дар ин мавзӯъ гуфтааш шевову дилнишин ва таъсиргузоранд. Дар онҳо шоир ҳам аз ҳузуру ҳаловати висол ва ҳам аз ғаму ғуссаи ҳиҷрон ҳарф мезанад. Маълум аст, ки ишқ на ҳамеша бо висол созгор аст ва баръакс дар бештари мавридҳо фироқу ҷудоӣ дар пай дорад. Аз сӯйи дигар, ҳамин дастнорасӣ ба висол аст, ки равғане гашта, оташи ишқу муҳаббатро аланга медиҳад. Барои мисол, дар шеъри «Эй зан» ҳамин мазмуне, ки гуфтем, хеле зебову муассир манзум гаштааст.

Чаҳорпораи мазкур аз 6 банди чаҳормисраӣ иборат буда, ҳар яке аз ин бандҳо лавҳаеро аз тасвири аҳволи ношоди ошиқи маҳруми висол дар бар гирифта, ҳамзамон фарогири таассуф ва

ҳасрати шоир аз фироқу ҷудоӣ мебошанд. Банди аввали шеър ба сифати сароғоз хитобаест ба маҳбуба, ки дар он шоири гиламанд аз аҳди ба вафо напайваста аҳволи бади худ ва зиндагонии беранги худро ба ӯ қисса мекунад:

***Оҳ, эй зан, зане, ки оташи ту***
***Сард ҳаргиз нагашт дар дили ман,***
***Оҳ, эй зан, зане, ки бе рӯят***
***Ҳеҷ рӯшан нагашт манзили ман*** *[2, с.90].*

Аз банди дувум маълум мегардад, ки шоир ба ин зарбаи тақдир тан надода, ҳоло ҳам умеде дар дил мепарварад, ки висолу боҳамоӣ дар пеш аст, фақат агар маҳбуба хоҳони васл бошад. Шоир умедвор аст, ки дарахти сабри ӯ бесамар нахоҳад буд ва меваҳои висол боз коми ӯро ширин хоҳанд кард, гулрези ҳузуру нишоти ошиқона ва шавқу шӯри орифона дар пеш аст. Ӯ орзу менамояд, ки кош маъшуқа низ ба монанди ӯ ҷӯёи висол бошад ва бо қадамҳои худ аз сари нав дунёи шоирро зебову муҷалло гардонад:

***Кош меомадиву гул мерехт***
***Ба сарам аз ҳаво зи омаданат,***
***Кош меомадиву механдид***
***Дару деворҳо зи омаданат*** *[2, с.90].*

Банди савуми чаҳорпора низ изҳори умедвории шоирро аз висоли маҳбуба дар бар мегирад. Дар ин банд ӯ ҳасрат менамояд, ки бо вуҷуди ҷустуҷӯи зиёд дигар барои худ ҳамдами дил наёфтааст. Мардуми шаҳр, ки аксаран ба хотири дарёфти ризқ дар такудаванд, дили худ ва эҳсосҳои ниҳонии онро фаромӯш кардаанд. Ташвише, ки бояд онҳо ба хотири хоҳишҳои дил мекашиданд, аз барои қонеъ намудани талаботи шикам сарф мешавад:

***Дари сад хонаро задам дар шаҳр,***
***Ба Худо, кас нагашт ҳамдами дил.***
***Шаҳр андар хиёли ишками худ***
***Бехабар гаштааст аз гами дил*** *[2, с.90].*

Ҳамин оҳанг дар бандҳои чаҳорум ва панҷум низ идома меёбад. Дар банди охир боз шоир умедвории худро аз висоли маҳбуба баён мекунад, вале дар ин навбат ин боҳамоӣ дар тасаввури шоир на танҳо барои ҳар дуи онҳо, балки барои тамоми шаҳр, ки ба бемории дилмурдагӣ гирифторанд, лозим аст:

***Кош меомадиву гул мерехт***
***Ба сари шаҳр аз ҳаво, эй зан,***
***Шояд аз ишқу мову ту меёфт***
***Шаҳр бар дарди худ даво, эй зан*** *[2, с.90].*

Дар баъзе шеърҳои ошиқонаи Озар тобишҳое аз ишқи орифона мушоҳида мешавад. Яъне, Озар дар баробари ишқи заминӣ ва муқаррарӣ ишқи ирфониро низ тасвир кардааст. Барои мисол, ғазали зерин дар назари аввал ғазали муқаррарии ошиқона ба назар мерасад, ки дар васфи маъшуқаи заминӣ гуфта шудааст, вале чун ба байти панҷум мерасем, пай мебарем, ки иштибоҳ кардаем. Дар байтҳои аввал чун оғози анъанавии бисёр ғазалҳои ошиқона шоир аз азоби ҳиҷрон ва дарди ҳирмон сухан мегӯяд. Ошиқи тасвиркардаи ӯро фироқ то андозае андуҳгин кардааст, ки ҳатто баҳори сабзу хуррам, ки рамзи шодмониву хушҳолист, ба назараш чун рӯзи мотам метобад. Гумон мекунад, ки баробари ӯ тамоми гулу гиёҳ, тамоми офаридаҳо, ҳама аҷсоми заминӣ ва аҷроми осмонӣ азоби ҳиҷрон мекашанд ва ба монанди ӯ азодору ғамбеморанд.

То ҷое мушоҳида мешавад, мазмуне, ки нақл кардем, тозаву ногуфта нест ва руҷӯи лирикии садҳо ғазали ошиқонаи шоирони дигарро ба хотир меорад, хонанда гумон мекунад, ки шоир азоби ҳиҷрон кашидани қаҳрамони лирикии худро нақл карда истодааст. Вале дар байти панҷум тобиши сухан дигаргуна мешавад ва аллакай маълум мегардад, ки сухан тамоман дар бораи маъшуқаи заминӣ намеравад ва рӯйи сухан ҷониби олами болост. Баъди дарки ин маънӣ байтҳои боло низ аллакай дигаргуна фаҳмида мешаванд ва бори маънавии онҳо вазнинтар мегардад. Тавсифоти абёти боло, ки дар назари аввал муболиғаомез метофтанд ва то як андоза рӯҳи хонандаи хушзавқро озурда мекарданд, акнун ба айни ҳақиқат мубаддал мешаванд:

***Баҳор сабзтарин мотам аст бе рӯят,***
***Саломи лола саломи гам аст бе рӯят.***
***Гаҳи нишастани хуршед худ ба худ гӯям:***
***Сари баланди фалак ҳам хам аст бе рӯят.***
***Ба ашки абр навиштанд рӯйи сафҳаи гул:***
***Гумон мабар, ки диле хуррам аст бе рӯят…***

***Биҳиштро ба касе деҳ, ки толибаш бошад,***
***Маро ҳар он чӣ бибахшӣ, кам аст бе рӯят*** *[4, с.58].*

Хулоса, мавзӯи ишқ аз мавзӯоти марказии ашъори Озар буда, дар анвои гуногуни шеъри ӯ мо ҳузури ин мавзӯъро ба хубӣ мушоҳида менамоем. Ишқе, ки Озар тасвир мекунад, ҷанбаи воқеӣ дошта, намунаи онро мо дар зиндагии ҳамарӯзӣ борҳо мушоҳида карда метавонем. Дар баробари ин ишқ, ки қудамо онро ишқи маҷозӣ меноманд, Озар дар баъзе аз шеърҳои худ ба тасвири ишқи ирфонӣ ва ё ишқи ҳақиқӣ низ, ки муҳаббати махлуқро ба Холиқ тасвир мекунад, пардохтааст. Ба ҳар навъе, ки набошад, ишқ дар тасвири Озар дунёсӯзу вайронкор нест, балки, баръакс, хусусияти созандагӣ дошта, инсонро ба саъю талош дар роҳи расидан ба орзу ҳидоят менамояд. Ишқ дар тасвири шоир мазмуни зиндагӣ ва рангу бӯест, ки зиндагиро дар чашми инсон боз ҳам рангинтару зеботар ва дӯстдоштанӣ мегардонад.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Аҷамӣ, М. Тафаккур ва ҳис дар шеър/М.Аҷамӣ. - Душанбе: Адиб, 2008.-
2. Озар,С. Ирфони ҳино/С.Озар.- Душанбе: Эҷод, 2006.-112 с.
3. Озар, С. Хурмои эътиқод/С.Озар.- Душанбе: Адиб, 2014.- 176 с.
4. Озар, С. Шарқ нозуксуханист/С.Озар.- Душанбе: Адиб, 2019.- 240 с.
5. Отахонова, Х. Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик/Х.Отахонова. – Душанбе: Дониш, 1983. – 264 с.


## REFERENCES:


1. Ajami, M. Thinking and Feelings in Poetry/M.Ajami.-Dushanbe: Man-of-Letters, 2008.
2. Ozar,S. Knowledge of Hino/S.Ozar.- Dushanbe: Creation, 2006. – 112 p.
3. Ozar.S. Persuasion Fruits/S.Ozar. - Dushanbe: Man-of-Letters, 2014. – 176 p.
4. Ozar,S. East is grace and eloquence/S.Ozar.-Dushanbe: Man-of-Letters, 2019. - 240 p.
5. Otakhonova, Kh. Evolution of the P oem Genre in Modern Tajik Poetry/ Otakhonova, Kh. - Dushanbe: Knowledge, 1983. – 264 p.